ТЕРРОРИЗМ ВА ПАЁМАДҲОИ НОГУВОРИ ОН

Яке аз падидаҳои номатлубе, ки муддати ду даҳсолаи охир ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, зуҳури як қатор равияву ҳаракатҳои хатарзои ифротӣ – террористӣ мебошад. Дар воқеъ, гарчанд ки пайдо гаштани ин гуна гурӯҳҳо, таърихи қадима дорад, аммо он дар замони муосир ба худ шаклу ҷиллои навро касб намуда, бо роҳу воситаҳои мухталиф дар сатҳи олам густариш ёфта, ба хатарҳои аввалиндараҷаи ҷаҳони муосир табдил ёфтааст. Инҳо зуҳуроти зиёновар ва номатлубе мебошанд, ки барои сулҳу салоҳ, ваҳдат, амнияти миллӣ ва ҳаёти осудаҳолонаи мардуми ҳар як кишвар хатарангез ба шумор рафта, айни замон ба ҳаводиси мубрами аср мубаддал гаштааст ва тавре, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: "Мавҷи бесобиқаи терроризм ва ифротгароӣ имрӯз ба хатари бузурги глобалӣ табдил ёфта, оқибатҳои фоҷеабору дарозмуддати ҷамъиятиву сиёсӣ ва маънавиро ба бор меорад" ва он метавонад амният ва сулҳу салоҳи ҳар як кишварро аз байн бурда, онро ба кишвари ҷангзадаю ақибмонда табдил диҳад ва ба раванди рушди босуботи кишвар монеа эҷод намояд.

Терроризм зуҳуроти ба ҷомеа хатарнок ва зиёноваре мебошад, ки мақсади аслиаш бо роҳи террор аз байн бурдани рақибони сиёсӣ, тарсонидани мардум, ғасби ҳокимият, барангехтани низоҳои диниву миллӣ ва амалҳои дигар буда, пеш аз ҳама ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро поймол мекунад. Ба хусус, фаъолияти ин гурӯҳҳо дар кишварҳои мухталифи мусалмоннишин, ки аз қатлу куштор, ваҳшоният, тарконидани муассисаҳои диниву таълимӣ ва ғайра

иборат аст, исботгари гуфтаҳои болост. Гурӯҳҳои террористию ифротгарой дар зери ниқоби ғазавот ҷавонони аз лиҳози дониши динию дунявӣ кам ва тафаккур пастдоштарро гумроҳ намуда, як навъ мағзшӯи карда, ба сафи худ ҷалб месозанд. Хусусан, дар замони ҳозира аз рушди бемайлони технология истифода бурда, ба василаи он бо роҳу равиши зиракона афкори ҷавонони зиёдеро аз нуқоти гуногуни олам тағйир дода, ононро ҳамрадифи хеш месозанд. Бад-ин хотир аст, ки дар тайи даҳсолаҳои охир, шумораи равияву ҳаракатҳои ифротию террористӣ афзуда, майдони амалиётии онҳо васеъ гардида истодааст.

Воқеъбинона, бояд гуфт, ки зуҳури гурӯҳҳои террористию ифротгарой кори созмонҳои бонуфузу баъзе аз давлатҳои манфиатҷӯи Ғарб буда, аз ҷониби онҳо маблағгузорӣ карда мешаванд ва дар амал, сиёсати геополитикии он кишварҳоро ба сомон мерасонанд. Рушду нумӯи кишварҳои мусалмонӣ, ки аз газу нефт ва дигар ашёҳои хоми қиматбаҳо бой аст ва ҳамчунин густариши ислом ҳеҷ гоҳ ба манфиати кишварҳои абарқудрати Ғарб нест. Онҳо мехоҳанд кишварҳои мусулмоннишинро хору залил сохта, сарвати онҳоро рабоянд ва пойбанди сиёсати пешгирифтаи худ созанд. Бинобар ин, онҳо ин гуна ҳаракатҳоро созмон дода, барои иҷрои аҳдофи худ самаранок аз он истифода мебаранд. Дастгирии гурӯҳҳои терористӣ, аллахусус гурӯҳи ифротию террористии Ҳизби Наҳзати Тоҷикистон ва паноҳандагӣ додани сарварҳои онҳоро ва ё ба харобазор табдил ёфтани кишварҳои соҳибтамаддун ва пешрафтаи Сурия, Ироқ, Ливия исботи андешаҳои болост. Пешвои миллат низ дар ин маврид таъкид намудаанд, ки “Бар

асари мавқеъгирии духӯра нисбат ба хостаҳои ифротиву террористӣ, гурӯҳҳои тундгаро мавриди пуштибонии сиёсиву иттилоотӣ ва молиявии бархе аз бунёдҳову созмонҳои ба ном ҷамъиятӣ ва ҷонибҳои дигар қарор гирифтанд. Дар натиҷа, терроризм ва ифротгароӣ ҷуғрофияи паҳншавии хешро дар шаклу усулҳои боз ҳам даҳшатноктар васеъ карданд”.

Қайд намудан зарур аст, ки гурӯҳҳои террористию ифротгароӣ амалҳои ваҳшиёнаи худро аз номи дини мубини Ислом иҷро намуда, исломро чун василае барои иҷрои ҳадафҳои ғаразноку нопоки худ истифода мебаранд, аммо дар асл тамоми амалу рафтор, гуфтору кирдори онҳо хилофи Ислом аст. Ислом қатлу куштор, ваҳшоният, тарконидани муасисаю дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва амсоли инҳоро сахт маҳкум карда, баръакс сулҳу салоҳ, ваҳдату ягонагӣ, бунёдкорию созандагиро таблиғ менамояд. Мутаасифона, имрӯз гурӯҳҳои зиёди ифротию террористие ба монанди: гурӯҳи террористии бо ном “Давлати исломӣ”, “Ал-Қоида”, “Ихвон-ул-муслимин”, “Боко ҳарам” ва амсоли инҳо дар ҷаҳон, хусусан кишварҳои исломӣ фаъолият мекунанд, ки аз номи ислом баромад намуда, номи исломро доғдор месозанд, ҳол он ки амалҳои анҷом додаи онҳо на решаҳои ахлоқӣ доранду на решаҳои инсонӣ. Мутаассифона, тавассути амалҳои ваҳшиёнаи онҳо, ки иборат аз қатлу куштор, тарконидани ҷойҳои ҷамъиятӣ, одамрабоӣ, зуроварӣ, duздию ғорат ва амсоли инҳост, дар кишварҳое чун Афғонистон, Сурия, Ливия, Ироқ, Яман, Нигерия ва ғайра ҳазорҳо ҳазор одами бегуноҳ ҷони худро аз даст дода,

миллионҳо одам гуреза, садҳову ҳазорҳо одам бе сарпаноҳ монда, роҳу пулҳо хароб ва шаҳрҳо ба харобазор табдил ёфтаанд.

Бояд қайд намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбариии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз ибтидои даврони соҳибистиқлолӣ амалу рафтори ҳамагуна гурӯҳҳои ифротию терористиро, ки мақсадашон ноором сохтани ҷомеа мебошад, кирдори ғайриинсонӣ номида, бар зидди ин гуна ҳаракатҳои ҷудоиандоз, пайваста мубориза мебарад. Бо ташаббуси Сарвари давлат, чандин конфронсҳои сатҳи байналмиллалӣ дар мубориза бар зидди терроризм дар Душанбе баргузор шуд, ки ҳадаф аз он муборизаи дастаҷаъмона бар зидди ин ҳаракатҳои тундрав мебошад. Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳое маҳсуб меёбад, ки дар ҳамаи тадбирҳои байналмиллалӣ барои решакан кардани терроризм фаъолона ширкат менамояд ва мубориза бар зидди гурӯҳҳои тундгароро яке аз аҳдофи худ мешуморад. Пешвои миллат оқибатҳои манфии терроризму экстремизро ба ҷаҳониён фаҳмонида, дар яке аз ҳамоишҳои сатҳи байналмиллалӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таъкид намуданд, ки "...ифротгарову терроризм бо тамоми зуҳуроти зишти худ ҳеҷ рабте ба миллат, дину мазҳаб ва шаҳрвандӣ надорад" ва вобаста ба ин изҳор доштанд, ки "...танҳо ҳамкории созандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ роҳи асосии муборизаи самаранок ба мақсади рафъи мушкилоти терроризм мебошад".

Ҳамин тариқ, бояд таъкид намуд, ки терроризм зуҳуроти номатлуби ба ҷомеа зарарноке мебошад, ки ба сулҳу салоҳ ва ваҳдату

ягонагии ҳар як давлату миллат хатар эҷод намуда, метавонад амнияти ҳар як кишварро аз байн барад. Бинобар ин, дар шароити имрӯза, ки раванди ҷаҳонишавӣ вусъат пайдо намуда, техникаву технология бо як суръати кайҳони рушд намуда истодааст ва гуррӯҳои манфиатҷӯ аз ин тамоюл хуб истифода мебаранд, моро зарур аст, ки дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зиракии сиёсӣ ва ҳушёриро аз даст надода, ба қадри сулҳу ваҳдат, амният ва оромии кишвари азизамон бирасем ва чун ғунчаҳои як гул аз як ҷо сар бароварда, дар канори Пешвои худ муттаҳид монда, садоқатмандона, ба ин миллату давлат хизмат намуда, Ватани азизамонро аз имрӯз дида ободу зебо намоям.

Саъдуллозода Умедҷон,  номзади илмҳои филология, дотсенти ДМТ